Қонунгузории соли 1990

1. Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Ведомостьҳои СО РССТ соли 1990, №24, мод.415; соли 1991, №18, мод.226; Ахбори МО ҶТ соли 1995, №22, мод.268; соли 2004, қ-1, №12, мод. 692;)

Фасли 1. Иҷора

Қоидаҳои умумӣ дар бораи иҷора

Моддаи 1. Иҷора

Иҷора ба мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва дар ин асос беҳтар намудани зиндагии мардум ташкил меёбад.

Иҷора дар асоси шартнома ба мӯҳлати муайян бо подош ихтиёрдорӣ ва истифода кардани замин, дигар захираҳои табиӣ, корхонаҳо (иттиҳодияҳо) ва комплексҳои дигари молу мулк, инчунин дигар хел амволе мебошад, ки ба иҷоракор барои мустақилона пеш бурдани фаъолияти хоҷагӣ ва ё дигар фаъолияташ зарур аст.

Моддаи 2. Қонунҳои оиди иҷора

Муносибатҳои иҷоравиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни мазкур ва дигар актҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд.

Моддаи 3. Соҳа ва объектҳои иҷора

Иҷора дар ҳамаи соҳаҳои халқ иҷозат дода мешавад ва нисбати молу мулки тамоми шаклу намудҳои моликият истифода шуда метавонад.

Ба иҷора инҳоро додан мумкин аст:

а) замин ва дигар захирахои табиӣ;

б) корхонаҳо (иттиходияҳо), ташкилотҳо, воҳидҳои таркиби иттиҳодияҳо, истеҳсолот, цехҳо ва дигар соҳаҳои корхонаю ташкилотҳо, хамчунин комплексҳои, ягонаи молу мулки фондҳои истеҳсолӣ ва дигар сарватҳо;

в) биноҳои алоҳида, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷом, дигар сарватҳои моддӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои (гурӯҳҳои) корхонаҳо (иттиҳодияҳо), ташкилотҳо ва намудҳои амволро, ки ба иҷора дода намешаванд, муқаррар мскунад.

Моддаи 4. Иҷорадеҳон

Молу мулкро мулкдор, аз ҷумла шахсон ва гражданинҳои юридикии хориҷӣ ба иҷора дода мставонанд. Органу ташкилотҳое низ иҷорадеҳ шуда мставонанд, ки мулкдор онҳоро барои ба иҷора додани амвол ваколатдор кардааст. Корхонахои давлатӣ, ташкилотҳои кооперативӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо ҳукуқ доранд, ки комплксҳои молу мулк, биноҳои алоҳида, иншоот, таҷҳизот ва дигар сарватҳои моддиро, ки дар ихтиёрдории пурраи хоҷагӣ ё идораи таъҷилии онхо мебошанд, ба иҷора диханд.

Замин ва дигар захирахои табииро Маҷлиси вакилони халқ дахлдор ба иҷора медиҳанд, аз ҷумла дар асоси озмун.

Колхозу совхозҳо ва корхонаҳои дигари хоҷагии қишлоқ заминҳои ба ихтиёри худ гирифтаро метавонанд мустақилона ба иҷора диҳанд.

Моддаи 5. Иҷорагирон

Шахсони юридикӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои муштарак, иттиҳодияю ташкилотҳои байналхалқӣ бо иштироки шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷорагир буда мставонанд.

Модда 6. Иттиҳодияҳои иҷорагирон

Иҷорагирон ҳукуқ доранд, ки ихтиёрӣ ассоциация, иттифоқҳо, консорциумҳо, консернҳо ва дигар иттиҳодияҳо барпо карда, фаъолияти онҳоро бо пул таъмин намоянд, аз онҳо мувофиқи оиннома озодона бароянд, ба ин иттиҳодияҳо, қатъи назар аз шакли моликияти истеҳсолоташон, ҳар як коллектив ва гражданин дохил шуда метавонад. Иҷорагирон дар навбати худ ҳуқуқ доранд бо ризоияти иттиҳодияҳо ба ҳар яки онҳо дохил шаванд.

Моддаи 7. Шартномаи иҷора

Шартномаи байни иҷорагиру иҷорадеҳ ҳуҷҷати асосис мебошад, ки муносибати байни онҳоро танзим мскунад. Он дар асоси ихтиёрӣ ва баробарҳукуҳии пурраи тарафҳо имзо карда мешавад.

Шартномаи иҷора инҳоро псшбинӣ мекунад: таркибу арзиши молу мулки ба иҷора додашаванда, андозаи иҷорапулӣ, мӯҳлати иҷора, тақсими вазифаҳои тарафхо дар бобати пурра барқарор ва таъмир кардани молу мулки иҷоравӣ, вазифаи иҷорадеҳ дар хусуси ба иҷорагир додани амвол дар ҳолатс, ки ба шартҳои шартнома мувофиқ бошанд. Вазифаи иҷорагир дар бобати мувофиқи талаботи шартнома истифода бурдани молу мулк, масъулияти иҷорагир дар бахши сари вақт додани иҷорапулӣ ва баьди ба охир расидани муҳлати шартнома ба иҷорадсҳ баргардонидани молу мулк дар ҳолати псшбиникардаи шартнома, шартҳои харида гирифтаии амволи иҷора ва дигар шартҳои моҳиятнок.

Ба шартномаи иҷора назифаи иҷорадсҳ дар бобати таъминоти моддию тсхникӣ, расонидани ёри барон тараққиёти истсҳсолот, татбиқи комьёбиҳои илму техника ва тсхнологияи псшқадам, нав кардани техникаи истсҳсолот, тараққиёти иҷтимоӣ, расонидани кӯмаки ахборотию машвараті ва дигар хсл ёриву мадад, мададгорӣ дар боби тайёр кардани кадрҳо, муҳайё намудани шароити зарурии истифодаи самарбахши молу мулки ба иҷора гирифташуда ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он дохил шуда мставонанд.

Арзиши молу мулки ба иҷора гирифташуда дар шартнома бо назардошти баҳои амвол дар лаҳзаи ба иҷора супоридани вай бо қимати аслӣ, боқимонда ё барқароршуда муайян карда мешавад.

Давоми мӯҳлати хизмати амволи ба иҷора додашуда бо созиши тарафайн на зиёда аз мӯҳлати нави хурдашавии пурраи он, ки ба нормаи амортизация мутобиқат мскунад, муқаррар карда мешавад.

Тарафҳо дар сурати иҷро накардан ва ё пурра иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномаи иҷора, аз ҷумла барон яктарафа тағйир додан ва вайроикунии шартнома дар асоси қонун ва шартнома ҷавобгаранд.

Дар мавриди кифоя набудани васоити иҷорадеҳе, ки амволи корхонаи давлатиро (воҳиди структурии иттиҳодияро) ба иҷора супурдааст, аз рӯи ӯҳдадориҳо дар назди иҷорагир соҳиби молу мулки дахлдор ҷавобгар мебошад.

Моддаи 8. Иҷорапулӣ

Иҷорапулӣ аз ҳиссаҷудокунии амортизационии арзиши молу мулки ба иҷора гирифташуда ташкил меёбад. Ҳангоми ба иҷора додани замин ва дигар сарватҳои табиӣ ҳаққи амортизация гирифта намешавад. Андозаи ҳиссаҷудокунии амортизацияро, ки ба иҷорапулӣ дохил мешавад, шартномаи иҷора дар асоси тақсими вазифаҳои дар он пешбинигардидаи тарафҳо дар бобати таҷдиди молу мулки иҷоравӣ муайян мекунад. Иҷорапулӣ ҳамчунин маблағҳоеро дар бар гирифта метавонад, ки иҷорагир ба иҷорадеҳ барои таъмири объектҳо баъди анҷоми мӯҳлати иҷораи онҳо медиҳад. Иҷорапулӣ як қисми фоидаро (даромадро) дарбар мегирад, ки он аз истифодаи барои ҷамъият зарури молу мулки иҷоравӣ (фоизи иҷора), ки шартнома маъмулан ба дараҷаи на камтар аз фоизи банк муайяи мекунад, ҳосил шуда метавонад.

Иҷорапулӣ метавонад барои тамоми молу мулки иҷорвӣ яклухт ва ё алоҳида аз рӯи ҳар объект дар шаклҳои аслӣ, пулӣ ва ё омехта муқаррар шавад. Шарту мӯҳлати супоридан ва ҳисоби гузаронидани иҷорапулиро шартнома муайян мекунад.

Андозаи иҷорапулӣ бо ризоияти тарафайн дар мӯҳлати пешбиникардаи шартнома тағйир ёфта метавонад, вале на зиёдтар аз як маротиба дар давоми панҷ сол. Маблағӣ иҷорапулӣ бо талаби яке аз тарафҳо дар сурати ба таври мутамарказ тағйир ёфтани нарху тарифҳо ва дигар мавридҳои , ки актҳои қонуниии ҶШС Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, пеш аз мӯҳлат тағйир ёфта метавонад.

Моддаи 9. Моликият ҳангоми иҷора

Ба иҷора додани молу мулк боиси додани ҳуқуқт моликият ба ин амвол намегардад.

Маҳсулот ва даромаде, ки иҷорагир аз истифодаи молу мулки иҷоравӣ ба даст овардааст моликияти ӯ мебошад. Сарваҳои моддӣ ва дигар сарватҳои ба таркиби молу мулки иҷора дохинашаванда, ки иҷорагир дар асосҳои пешбиникардаи қонун ба даст овардааст, ё харидааст, низ моликияти ҷорагир мебошанд.

Агар дар шартномаи иҷора дигар шарт пешбинӣ нашуда бошад, ҳар чизи барои беҳбудии молу мулки иҷора харида ва ё сохта шуда моликияти иҷорагир мебошад. Дар мавриде, ки иҷорагир беҳбудиро аз ҳисоби маблаги худ бо иҷозати иҷорадеҳ анҷом дода бошад ва ин барои молу мулки иҷора (тармиму аз навсозии бино ё иншоот ва ғайра) зарар нарасонда бошад, вай ҳуқуқ дорад, ки баъди ба охир расидани мӯҳлати шартономаи иҷора арзиши ин беҳбудикориро гирад, агар дар шартнома дигар хел шарт пешбини нашуда бошад.

Ҳангоми ба ичора гирифтани корхона ва дигар комплексҳои ягонаи молу мулк иҷораги ва гирифтани арзиши беҳбудикории ҷудонопазири молу мулки иҷора , ки аз ҳисоби маблаги худаш, сарфи назар аз он, ки иҷорадеҳ ба ичрои чунин корҳо иҷозат додааст ё не ҳуқуқ дорад, агар дар шартнома шарту шароити дигар пешбини нашуда бошад.

Беҳбудикориҳое, ки (ҳам қобили ҷудошави ва ҳам ҷудонопазир) аз ҳисоби ҳиссаҷудокунии амартизатсионӣ аз молу мулки иҷора анҷом дода шудаанд, моликияти иҷорадеҳ буда ва арзиши молу мулки иҷора зам мешаванд.

Агар ҳолати молу мулке, ки баъди анҷоми амали шартонома баргардонда мешавд, аз вазъи пешбини шуда баъдтар бошад, иҷорагир ба иҷорадеҳ товонӣ зиёнро дар асоси қонунҳои ҷорӣ медиҳад.

Агар молу мулки иҷора бо гуноҳи иҷорагир пеш аз мӯҳлати амартизатсионӣ аз кор барояд, иҷорагир ба ичрадеҳ иҷорапулии пурраи он, инчунин товонӣ зарарро мувофиқи қонунгузории ҷорӣ медиҳад. Агар иҷорагир молу мулки ба иҷора гирифташударо баъди анҷоми мӯҳлати истифода, ки он дар шартнома пешбини шудааст, истифода барад, иҷорадеҳ ба иҷоракор поддоши дахлдорро, медиҳад агар дар шартнома дигар хел талабот пешбинӣ нашуда бошад.

Моддаи 10. Харидани молу мулки иҷора

Иҷоракор бо розигии ичрадеҳ метавонад молу мулки иҷораро пурра ва қисман харида гиранд. Шарт, тартиб ва мӯҳлати хариданро шартномаҳои иҷора ва харид муайян мекунанд. Баҳсҳои оиди ин масъалаҳоро суди иқтисодӣ ё суд ҳал менамоянд

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавридҳои маҳдуд ё манъ кардани харидани молу мулки иҷора пешбини шуда метавонанд.

Иҷорадеҳ ҳақ дорад дар шартномаи харид ба муддати муайян шартҳо пешниҳод намуда, ин ё он ҳуқуқ ӯҳдадориҳои хариддорро (иҷорагирро) муайян намояд. Ба ҷумлаи чунин шартҳо аз ҷониби хариддор қабул шудани ӯҳдадориҳои зайл дохил шуда метавонанд:

Бо маҳсулот ҳисобу китоб кардани арзиши молу мулки харида- маҳсулоте, ки бо амволи харидашуда истеҳсол мешавад;

Ба истеъмолкунандагон дастрас кардани як қисми маҳсулоти амволи харида шуда истеҳсол гардида, ки фурӯшандаи молу мулк муайян мекунанд;

Дар мӯҳлати муайян тағйир надодани навъи маҳсулоте, ки ба амволи харидашуда истеҳсол мегардад;

Нафурӯхтани молу мулки харида шуда;

Риояи дигар ӯҳдадориҳои харидори молу мулк, ки шартномаи харид пешбинӣ кардааст.

Шартномаи харид инчунин шартҳои харидори молу мулкро низ дар назар дошта метавонад, ки он фурӯшандаи молу мулкро вазифадор менамояд дар давра муайян таъминоти моддиву техникӣ ва бозорӣ фурӯши маҳсулоти дар мулки харида шуда истеҳсол карда шавандаро таъмин намояд, ба инкишофи фаъолияти истеҳсолӣ, илмию техникӣ ва иҷтимоии харидори молу мулк ва фаъолияти иқтисодии берунӣ мусоидат намояд.

Харидани молу мулк бо роҳи ба иҷорадеҳ супурдани бақияи арзиши молу мулк, ки иҷораи он то анҷоми мӯҳлати амартизатсия қаъ гардидааст, ба амл бароварда мешавад.

Барои харидани молу мулк ҳамагуна васоте, ки корхонаи иҷоравӣ мувофиқи қонун дар ихтиёри худ дорад, манбаъ шуда метавонад.

Ҳуқуқи моликияти корхонаи иҷоравие, ки молу мулкро харидааст аз лаҳзаи дар шӯрои депутатҳои халқи дахлдор ба қайд гирифтани ҳуҷҷати давлатии хариду фурӯш оғоз меёбад. Акти хариду фурӯш баъди ба буҷети дахлдор супурдани маблағи хариди молу мулк дода мешавад.

Баъди харидани молу мулки ба иҷора гирифта шуда корхонаи иҷора бо қарори коллективӣмеҳнатӣ кооператив, ҷамъияти аксионерӣ ва ё дигар корхонае табдил ёфта метавонад, ки дар асоси моликияти коллективи амал мекунад.

Моддаи 11. Муайян кардани самти фаъолияти хоҷагии иҷорагир

Мувофиқи шартномаи иҷора самтҳои фаъолияти хоҷагиашро мустақилона муайян мекунад ва маҳсулоту даромадашро бо салоҳдиди худ ихтиёрдори менамояд.

Иҷорагир берун аз доираи ӯҳдадориҳои шартномавиаш дар фаъолияти хоҷаги дорӣ пурра озод мебошад

Моддаи 12. Мӯҳлати иҷора

Мӯҳлати иҷораро шартонома муайян мекунад. Дар айни замон иҷораи захираҳои табиӣ, корхонаҳо, биноҳо, иншоот дарозмуддат аз панҷ сол ва аз ин ҳам зиёд мебошад.

Ҳангоми бастани шартномаи иҷораи замин шартҳои аз тарафи иҷорагир гузаронидани киштгардони илман асоснок бояд ҳатман пешбинӣ карда шавад. Ба ин муносибат мӯҳлати минималии иҷораи замин набояд аз ротатсияи киштгардони майдонҳо кам бошад.

Қитъаи заминро барои корҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба мӯҳлати муайянкардаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷора додан мумкин аст.

Бо назардошти хусусияти молу мулк ва мақсадҳои иҷора шартнома кӯтоҳмуддат – то панҷ сол шуда метавонад.

Баъди анҷоми мӯҳлати амали шартнома иҷорагир ҳуқуқ дорад шартномаро барқарор кунад.

Агар бар бораи катъ намудан ва ё тағйир додани шартнома баъди анҷоми мӯҳлати он аризаи яке аз тарафҳо набошад, шартнома дар ҳамон мӯхлат ва аз рӯи ҳамон шартҳо дароз карда мешавад, ки дар он пешбини шуда буданд. Ҳангоми ба мӯҳлати нав дароз кардани шартнома шартҳои он бо созиши тарафҳо тағйир ёфта метавонанд.

Моддаи 13. Тағйир додан бекор кардан, қатъ намудан ва давом додани шартнома

Тағйир додани шартҳои шартнома бекор кардан ва қатъи он бо ризоияти тарафайн роҳ дода мешавад. Бо талаби яке аз тарафҳо бо роҳи ду моҳ пеш огоҳонидани тарафи дигар дар мавридҳои шартҳои шартномаро вайрон кардани тарафи дигар шартномаи иҷора бо қарори ҳаками давлати ё суд қатъ шуда метавонад.

Аз нав созмон додани ташкилотҳои иҷорадеҳ, инчунин иваз кардани соҳиби моликияти иҷора гирифта шуда сабаби тағйир ёфтан ва ё бекор шудани шартнома намегардад.

Дар мавриди фавти иҷорагир ва ё дигар ҳолатҳое, ки у минбаъд ӯҳдадориҳояшро иҷро карда наметавонад, ҳуқуқҳои вай мувофиқи шартномаи иҷора ба яке аз аъзоёни оила ё аъзои ҳамроҳаш коркунандаи хоҷагии меҳнатӣ (коллективи иҷора) мегузарад, агар онҳо иҷоракор шудан хоҳанд.

Иҷорадеҳ ҳақ надорад, ки ба чунин шахсон барои ҳамроҳ шудан ба шартнома ба мӯхлати боқимонади шартномаи ҷорӣ роҳ надиҳад, ба истисноии мавридҳое, ки бастани шартонома ба сифатҳои касбӣ ва шахсии иҷоракор вобаста бошад.

Моддаи 14 Баррасии баҳсу мунозира дар аснои бастани шартномаи иҷора ва иҷрои он

Баҳсҳои ҳангоми бастани шартномаи иҷора ва иҷрои он ба миён омадаро суди иқтисодӣ ё суд мувофиқи ваколаташон баррасӣ мекунанд.

Моддаи 15. Муҳофизати ҳуқуқи иҷорагир ба молу мулк

Ҳуқуқи иҷорагир ба молу мулке, ки вай мувофиқи шартномаи иҷора гирифтааст, баробарии ҳуқуқи нисбати моликият муқаррар кардаи қонунгузории граждани ҳимоя карда мешавад. Вай метавонад баргардонидани молу мулки иҷораро аз истифода ғайри қонунӣ, бартараф кардани монеъаҳои истифодаи амвол, додани товонӣ зарареро, ки ҳар шахс, аз ҷумла иҷорадеҳ, ба молу мулк расондааст, талаб кунад.

Аз ҳисоби молу мулки иҷора додани қарзи иҷорадеҳ роҳ дода намешавад.

Молу мулки иҷорагир танҳо бо қарори суди иқтисодӣ ё суд мусодира карда мешавад.

Шартҳои шартномаи иҷора дар тамоми мӯҳлати эътибори шартнома ва дар он мавридҳое эътибори худро гум намекунад, ки қонунгузорӣ баъди имзои шартнома қоидаҳоеро, уки муқаррар кардааст, ки аҳволи иҷорагирро бад мекунад.

Иҷораи корхонаҳо (иттиҳодияҳо).

Моддаи 16 Ташкили корхонаи иҷора

Коллективӣ меҳнатии корхонаи давлатӣ (иттиҳодия) ё воҳиди структурии иттиҳодия (минбаъд корхонаи давлатӣ) ҳуқуқ дорад, ки бо мақсади дар асоси корхона ташкил намудани корхонаи коллективӣ ташкилоти иҷоракоронро ҳамчун шахси юридикии мустақил созмон диҳанд.

Қарори созмон додани ташкилоти иҷорагирон ва органҳои идораи он дар Маҷлиси умумии (конференсияи) коллективӣ меҳнати ба овози аз се ду қисми аъзоёни он қабул карда мешавад.

Ташкилоти иҷорагирон лоиҳаи шартномаи иҷораро якҷоя бо комитети иттифоқи касаба тартиб дода, онро ба органи давлатие, ки соҳиби моликият вайро барои ба иҷора додани корхонаи давлатӣ ва колатдор намудааст, мефиристонад. Ин орган бояд лоиҳаи шартномаро дар муддати сӣ рӯзи баъди гирифтани он баррасӣ кунад. Ихтилофотеро, ки ҳангоми бастани шартномаи иҷора ба миён меоянд, аз ҷумла ихтилофҳои вобаста ба беассос ба иҷора надодани корхона ва кашол додани мӯҳлати муҳокимаи таклифҳоро суди иқтисодӣ баррасӣ мекунад.

Баъди имзои шартнома ташкилоти иҷоракорон мувофиқи тартиби муқарраргардида молу мулки корхонаро қабул мекунад ва мақоми корхонаи иҷоравиро мегирад.

Корхонаҳои давлатӣ, воҳидҳои структурие, ки дар асоси онҳо корхонаи иҷоравӣ ташкил шудааст, мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун барҳам дода мешаванд.

Корхонаи иҷора дар асоси оинномае, ки дар маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнат тасдиқ мешавад, амал мекунад. Корхонаи иҷора аз рӯзи дар комиҷроияҳои мақоми бақайдгирӣ маҳалли ҷойгиршавии корхонаи иҷора қайд шуданаш ҳуқуқи шахси юридикиро мегирад.

Корхонаи иҷора мувофиқи дархосташ номгӯй ва мукофотҳои ҳукуматии корхонаи давлатиро, ки вай ба иҷора гирифтааст, дар худ нигоҳ дошта метавонад.

Корхонаи иҷора вориси ҳуқуқи молу мулк ва вазифаҳои корхонаи давлатии ба иҷора гирифтааш, аз ҷумла вориси ҳуқуқи истифодаи замин ва дигар захираҳои табиӣ мегардад. Иҷорадеҳ пардохти қарзи корхонаро пурра ё қисман ба ӯҳдаи худ гирифта метавонад.

Ӯҳдадории корхонаи давлатиро дар бобати фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) иҷорагир дар ҳаҷму мӯҳлати пешбиникардаи шартномаи ин корхона иҷро мекунад. Иҷорадеҳ ба иҷорагир захираҳои моддӣ ва лимитҳои (фондҳои) онҳоро медиҳад, инчунин дигар тадбирҳои заруриро меандешад, ки иҷрои ин ӯҳдадорӣ таъмин гардад.

Корхонаи иҷоравӣ ҳуқуқашро барои маблағгузории мутамарказ ва дотатсия дар ҳаҷме, ки барои корхонаи давлатии ба иҷора гирифта муқаррар гардида буд, нигоҳ медорад.

Ба корхонаи иҷора ҳуқуқу вазифаҳои корхонаи давлати ба иҷора гирифта шуда дар бобати иштирок кардан дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳудуде, ки вай он ҷо ҷой гирифтааст, мегузаранд.

Шартномаи иҷора муносибатҳои байни иҷорагир ва иҷорадеҳро доир ба шартҳои истифодаи захираҳои сӯзишворӣ, ашёи хом, масолеҳ, истеҳсолоти нотамом, маснуоти тайёр, таҳсими бақияи фондҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, истифодаи фонди манзили идоравӣ, бо маблағ таъмин кардани он, харҷи маблағеро, ки барои пардохти қарзи дебиторӣ гирифта шудааст, муайян мекунад.

Маҷбуран ба иҷора додани объектҳое, ки барои корхонаҳои иҷора зиёдатианд, роҳ дода намешавад.

Моддаи 17. Идораи корхонаи иҷора

Корхонаи иҷора мувофиқи оинномаи он идора карда мешавад.

Моддаи 18. Фаъолияти хоҷагии корхонаи иҷора

Корхонаи иҷора ҳуқуқ дорад сарватҳои моддиеро, ки ба таркиби молу мулки иҷора дохил мешаванд, ба иҷораи фаръӣ диҳад, барои истифодаи муваққатӣ бепул ва ё пулакӣ диҳад, ба шарте ки чунин тариқи додани молу мулк боиси кам шудани нерӯи (арзиши) истеҳсолию иқтисодии корхона нагардад ва дигар шартҳои шартномаи иҷораро халалдор накунад. Тартиби мазкури ихтиёрдории молу мулки иҷора нисбати замин ва дигар объектҳои табиӣ ва дар мавридҳои дигаре, ки актҳои пешбинӣ кардаанд, татбиқ намегардад.

Корхонаи иҷора барои арзиши амволро зиёд намудан ҳуқуқ дорад ба таркиби молу мулки иҷора мустақилона тағйирот дарорад, онро аз нав созад, техникаи нав шинонад, васеъ кунад, ба шарте ки дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Корхонаи иҷора истифодаи самарабахш ва такрористеҳсолкунии захираҳои табииро таъмин карда, онҳоро мувофиқи мақсадҳое ба кор мебарад, ки ба ин мақсадҳо дода шудаанд. Вай вазифадор аст, ки муҳити атрофро аз олудагӣ ва дигар таъсирҳои зиёновар ҳифз кунад.

Фаъолияти иқтисодии берунии корхонаи иҷора мувофиқи тартибе сурат мегирад, ки барои корхонаҳои давлатӣ муқаррар гардидааст.

Корхонаи иҷора вазифадор аст, ки аз рӯи шартномаи иҷора ичрои супориши давлатӣ ва супоришҳоро барои фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) мувофиқи алоқаҳои мавҷудаи хоҷагӣ дар ҳаҷме, ки аз супоришҳои дахлдори сол ба иҷора додани корхона зиёд набошад, ба ӯҳда гирад.

Вай ихтиёран заказҳои давлатӣ ва дигар хелӯҳдадории истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро дар ҳаҷме мегирад, ки корхонаи молу мулки ба моликияти коллективӣ тааллуқдоштаашро ба ҳамон андоза истифода мебарад.

Иҷорадеҳ ӯҳдадории аз иҷорагир харидани маҳсулотро ба зимма гирифта метавонад.

Корхонаи иҷора маҳсулоташ (кор, хизматаш)-ро аз рӯи нархҳои яклухт, харид, чакана ва шартномаие мефурӯшад, ки барои корхонаи давлатӣ пешбинӣ гардидаанд. Ашё, масолеҳ ва дигар захираҳои моддию техникиро корхонаи иҷора аз рӯи нархҳои мавҷудаи яклухт, харид, чакана ва шартномавӣ мувофиқи тартиб ва шартҳои барои корхонаҳои давлатӣ муқарраршуда мехарад.

Ба корхонаи иҷора барои васеъ кардани истеҳсолот ва ичрои вазифаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағи давлатии муттамарказ ва маблағи иҷорадеҳ дотатсия, инчунин дар асоси

ўҳдадории афзун гардондани истехсолоти маҳсулот ва беҳтар намудани сифати он (кор, хизмат) қарз ва бунак (аванс) дода шуданаш мумкин аст.

Иҷорадеҳ ба иҷорагирони корхонаҳои давлатии зараровар ва камфоида оиди иҷорапулӣ имтиёзҳо дода метавонад.

Корхонаи иҷора натиҷаи фаъолияташро ба ҳисоб мегирад, ҳисобу китоби бухгалтерӣ ва оморирo мувофиқи тартиби умумие, ки барои корхонаҳо муайян шудааст, пеш мебарад. Ба фаъолияти корхонаи иҷора аз рӯи тартибе, ки қонунгузории ҷорӣ барои корхонаҳо муқаррар карда аст, бо назардошти хусусияти муносибатҳои иҷоравӣ назорат карда мешавад.

Моддаи 19. Маблағҳои молиявии корхонаи иҷора

Заҳираҳои молиявии корхонаи иҷора аз ҳисоби фурӯши маҳсулот (кор, хизмат), кредитҳо, маблағи аз фурӯши коғазҳои қиматнок ба даст омада, хайрия ва дигар воситаҳои молиявӣ ташкил меёбанд.

Аз ҳисоби маблағи ҷамъшудаи корхонаи иҷора хароҷоти модда ва хароҷоти мушобеҳи он, маблағи музди меҳнат бароварда мешавад, андозҳо, пули иҷора, пардохти суғурта, пули захираҳои табиӣ ва қувваи корӣ, фоизи қарзҳо дода мешавад. Фоидаи боқимонда пурра дар ихтиёри корхонаи иҷора мемонад. Корхонаи иҷора мақсадҳои истифодаи ин фоидаро мустақилона муайян мекунад.

Корхонаи иҷора метавонад барои ҷалб намудани захираҳои иловагӣ қоғазҳои қиматнок барорад, дар асоси қонунҳои дар амал буда заёмҳои мақсаднок барорад, дар бозори қоғазҳои қиматнок иштирок намояд.

Барои харидани қоғазҳои қиматнок аъзоёни коллективи меҳнатии корхонаи иҷора афзалият доранд.

Корхонаи иҷора метавонад дар асоси шартҳои муайянкардаи созишномаи тарафҳо, аз ҷумла мувофиқи аҳду паймони тарафайн роҷеъ ба ҳаҷми фоизи истифодаи онҳо аз маблағҳои худ ба корхонаю ташкилотҳои дигар пул қарз диҳад.

Маблағҳо аз ҳисоби корхонаи иҷора фақат бо иҷозати корхонаи иҷора ва ё бо қарори суди иқтисодӣ ё суд бароварда мешавад. Пул аз ҳисоби корхонаи иҷора фақат дар мавридҳои пешбиникардаи актҳои қонунӣ соқит карда мешавад. Агар корхонаи иҷора дар бобати аз ҳисоб соқит кардани пул розӣ набошад, вай ҳақ дорад дар бораи ситонидани пул беасос аз ҳисоби соқитшуда ба ҳаками давлатӣ шикоят кунад.

Моддаи 20. Меҳнат ва музди он

Муносибатҳои меҳнатии аъзоёни коллективи корхонаи иҷораро қонуни оид ба меҳнат бо назардошти хусусиятҳои муқарраркардаи ҳамин Қонун танзим мекунад.

Корхонаи иҷора тартиби киро кардан ва аз кор озод намудани коркунон, шаклу системаи додани музди меҳнат, тартиби рӯзи кор, усули сменагии корро мустақилона муайян намуда, дар бораи баҳисобгирии умумии вақти корӣ қарор қабул мекунад, тартиби рӯҳои истироҳат ва рухсатиро муқаррар менамояд.

Корхонаи иҷора муддати рухсатии ҳарсолаи пулакиро мустақилона муайян менамояд. Дар айни замон давомоти он аз вақти барои категорияҳои дахлдори коргарону хизматчиёни корхонаҳои давлатӣ муайянгардида кам шуда наметавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунҳои ҷорӣ манфиати иҷтимоии меҳнаткашони корхонаҳои иҷораро ҳамаҷониба ҳифз мекунад.

Барои коркуноне, ки аз сабаби ба иҷора додани корхонаи давлатӣ кор озод мешаванд, иҷорадеҳ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дахлдор ҳуқуқҳоеро кафолат медиҳанд, ки қонун барои коркуноне пешбинӣ кардааст, ки дар сурати тағйир ёфтан ва ё барҳам хӯрдани корхонаи давлатӣ аз кор ҷавоб шудаанд.

Корхонаи иҷора мувофиқи тартиб ба андозаи муқарраршудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои дахлдор мугузаронанд ва андоз меспорад.

Моддаи 21. Моликияти корхонаи иҷора

Маҳсулоти иҷрошуда, даромад ва амволи дигаре, ки бо пули корхона харида шудаанд, моликияти корхонаи иҷора мебошад.

Дар амволе, ки мувофиқи шарту тартиби муқарраркардаи оинномаи корхонаи иҷора моликияти он мебошад, андозаи саҳми аъзоёни коллективи меҳнатӣ дар бунёди ин амвол аз ҳисоби иштироки шахсиашон, инчунин маблағгузорӣ ва амволи дигари ҳиссагуоштаашон муайян карда мешавад.

Ба узви коллективи меҳнатӣ ба арзиши ҳиссааш дар моликияти корхонаи иҷора дар асоси оинномаи он қоғазҳои қиматнок дода шуданаш мумкин. Ба қоғазҳои қиматноки аъзоёни коллективи меҳнатӣ бо назардошти натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот ва вазифаҳои тараққии корхона мувофиқи ҳаҷми муайянкардаи коллективи меҳнатӣ ҳақиқии саҳм (дивидент) дода мешавад.

Арзиши ҳақиқии қоғазҳои қиматнок дар мавридҳои пешбиникардаи оинномаи корхона ба соҳибонашон баргардонда мешавад.

Дар оинномаи корхонаи иҷора тартиб ва шартҳои додани ҳаққи саҳми аъзоёни коллективи меҳнатие, ки муносибатҳои меҳнатиро қатъ кардаанд муайян карда мешаванд.

Моддаи 22. Ташкили корхонаи иҷора дар заминаи мликияти соҳаи корхонаи (иттиҳодияи) давлатӣ

Корхонаи иҷораро дар заминаи иҷораи моликияти истеҳсолот, цехҳо, шӯъбаҳо, фирмаҳо ва ё соҳаҳои дигари корхонаи (иттиҳодияи) давлатӣ ташкил кардан мумкин аст. Чунин корхонаи иҷора бо ризоияти шартномаи иҷора бо мақоми дахлдори давлатии идораи амволи давлатӣ созмон меёбад. Дар айни ҳол шартномаи иҷора бо корхонаи (иттиҳодияи) давлатие баста мешавад, ки қисме аз амволи вай ба иҷора мегузарад.

Моддаи 23 Озмун барои иҷраи корхонаҳо (иттиҳодияҳо) ва амволи онҳо

Корхонаи (иттиҳодияи) давлатӣ ва ё соҳаи он ба тариқи озмун ба иҷора дода шуданаш мумкин аст.

Озмунро органи давлатие эълонмекунад, ки барои ба иҷора додани амволи дахлдор ҳуқуқ дорад.

Дар озмун коллективҳои меҳнатии корхонаҳои (иттиҳодияҳои) давлатӣ ва соҳаҳои онҳо, коллективҳои муштараки дарбаргирандаи коркуноне, ки дар ҳамаи корхона иттиҳодияи (соҳа) кор мекунанд, гурӯҳи гражданинҳое, ки бо мақсади ба иҷора гирифтани корхона, иттиҳодияи (соҳааи) дахлдор дар коллектив муттаҳид шудаанд, иштирок карда метавонанд. Коллективҳои мазкур барои иштирок дар озмун мувофиқи тартиби пешбиникардаи банди 1-и моддаи 16 ҳамин Қонун ташкилоти иҷоракоронро ташкил медиҳанд. Дар озмун корхонаҳои (иттиҳодияҳои) дигари давлатӣ, инчунин кооперативҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок карда метавонанд.

Коллективҳои меҳнатии корхонаҳои давлати ва соҳаҳое, ки ба иҷора дода мешаванд, дар баробари шартҳои якхела барои иҷора гирифтани корхонаи давлатӣ бештар ҳақ доранд. Иҷорадеҳ ва инчунин органҳои он ҳангоми баррасии пешниҳодоти ба озмун расидаи иҷоракорон ба онҳое, ки самарабахшии бештари истеҳсолотро таъмин намуда, қисми зиёди амволи ба иҷора пешниҳодкардаро қабул карда, ӯҳдадор мешаванд, ки бештар иҷорапули медиҳанд, бартари хоҳанд дод.

Ташкилоти аз озмун гузаштаи иҷоракорон бо иҷорадеҳ шартномаи иҷора мебандад. Ва мувофиқи тартибу шартномаҳои пешбиникардаи моддаҳои 16-21 ҳамин Қонун ҳамчун корхонаи иҷора амал мекунад.

Моддаи 24. Дар заминаи амволи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил кардани корхонаҳои иҷора

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд, ки корхонаҳо ва соҳаҳои онҳоро мувофиқи шартҳои муайянкардаи ин ташкилотҳо ба иҷора диҳанд. Дар баробари ин ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд ҳангоми муайян кардани тартиби ташкил ва шартҳои фаъолияти корхонаҳои иҷора принсипҳои дар ҳамин фасл зикрёфтаро истифода баранд.

Моддаи 25. Корхонаи (иттиҳодияи) давлатӣ ва ё соҳаи онро иҷора гирифтани кооператив

Ҳангоми ба кооператив иҷора додани корхонаи давлатӣ ва ё соҳаи он муносибатҳои иҷоравӣ бо органи давлатие, ки барои ба иҷора додани корхона ваколатдор мебошад ва ё бо корхонаи дахлдори давлатӣ муқаррар мегарданд. Шартҳои шартномаи ба кооператив ба иҷора додан дар асоси банди 3 моддаи 16-ум ва моддаи 18-и ҳамин Қонун муайян мегарданд.

Иҷорагирии гражданинҳо

Моддаи 26. Иҷораи фардӣ ва гурӯҳӣ

Граждани ва ё гурӯҳи гражданинҳо метавонад воситаҳои истеҳсолот ва моликияти дигареро, ки барои фаъолияти хоҷагиашон зарур аст, иҷора гиранд.

Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ дар асоси шартҳои иҷораи фардӣ ё гурӯҳи машғуланд баробари коргарону хизматчиён ҳаққи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоиро доранд. Иҷоракорон мувофиқи тартибу ҳаҷми муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даромадашон ба фонди давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ҳисса мегузоранд. Давраи кори иҷоракорон, ки дар давоми он суғӯӣ дода шудааст, ба стажи кор дохил мешавад.

Органҳо ва ташкилотҳо, аз ҷумла шахсони юридикии хоричӣ, ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, ки барои ба иҷора додан, вазифадоранд дар муддати як моҳ аризаи гражданинҳоро дар бораи ба онҳо ба иҷора додани амвол, замин ва дигар захираҳои табии дида бароянд.

Ихтилофотеро , ки ҳангоми бастани шартномаи иҷора, аз ҷумла беасос рад кардан ё аз мӯҳлат дер дида баромадани аризаи ба иҷора додани амвол, замин ва захираҳои табиӣ ба миён меоянд, бевомита суд баррасӣ мекунад.

Моддаи 27. Фаъолияти хоҷагӣ ҳангоми иҷораи фарди ва гурӯҳӣ

Иҷорагирони фардӣ ва ё гурӯҳӣ мувофиқи шартнома ба маҳсулоти баровардаи худ мустақилона ихтиёрдорӣ мекунанд, онро дар ҳар минтақаи мамлакат мефурӯшанд, мувофиқи нарху навои бо ризояти истеъмолкунанда ва ё мустақилони муқарраркарда корҳоро ба ҷо меоранд ва хизмат мерасонанд. Онҳо метавонанд иҷрои супориши давлатиро

ихтиёран ба ӯҳда гирифта, маҳсулоти аз ҳисоби ин супориш истеҳсошударо бо нархҳои яклухт, харид ва ё шартномавӣ фурӯшанд.

Дар участкаҳои замини иҷора сохтани бино, бағайр аз бошишгоҳи саҳрои, ки ба он бояд розигии иҷорадеҳ бошад, роҳ дода намешавад.

Иҷоракор бо пули фурӯши маҳсулот (корҳо, расонидани хизмат) баъди додани пули иҷора, андозҳо ва пардохти қарзи банк мустақилона ихтиёрдорӣ мекунанд.

Таъмионоти моддию техникӣ, нақлиёт, таъмиру тармим ва дигвар намудҳои хизмарасонии иҷоракор дар хоҷагии қишлоқ дар асоси шартномае,ки мувофиқи тартиб ва шартҳои барои колхозу совхозҳо муқараршуда баста шудааст, сурат мегирад.

Хоҷагиҳои меҳнатии иҷоракорон ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти истеҳлсолиашон метавонанд бо колхозҳо совхозҳо ва дигар ташкилоҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ алоқоҳои кооператсимонӣ барқарор карда, кооперативҳои таъминоту фурӯш, азнавкоркунӣ таъмиру сохтмон ва дираг кооператиҳо, аз ҷумла хоҷагиҳои рафоқат ташкил кунанд.

Моддаи 28. Счет дар банк, қарз

Иҷоракор ҳуқуқ дорад, ки дар муассисаҳои банк счет кушояд. Ӯ ҳақ дорад, ки барои гузаронидани муомилоти қарз ва ҳисобу китоб мустақилона банк интихоб намояд.

Иҷоракорон метавонанд бо ризоияти муассисаҳои банк ва ё иҷорадеҳон барои тараққии истеҳсолот қарзи кӯтоҳмуддат ва ё дарозмуддат гиранд.

Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ метавонанд ба иҷоракорон барои ташкили хоҷагӣ, тараққии истеҳсолот, обёрии замин, сохтмони роҳ ва манзил қарз ё бо поддош пул ҷудо кунанд.

Фасли 2. Пудрати иҷоравии дохилихоҷагӣ

Моддаи 29. Истифодаи пудрати иҷоравии дохилихоҷагӣ

Пудрати иҷоравии дохилихоҷагӣ ҳамчун шакли ташкил ва додани музди меҳнати баъзе корхонаҳо, коллективҳои соҳаҳо, гурӯҳҳои коркунон (минбаъд-коллективҳои иҷоравӣ) метавонанд дар корхонаҳои давлатӣ, коллективи ва ҷамъиятӣ истифода шавад.

Корхона бо ризоияти комитети иттифоқи касаба низомномаи пудрати иҷоравии дохилихоҷагӣ, нархҳои ҳисобии маҳсулот ва тарифҳои дохилихоҷагиро барои кор ва хизматрасонӣ, шаклҳои баҳисобгирифтани хароҷоти моддӣ ва хароҷоти дигари коллективҳои иҷораро тасдиқ мекунад.

Коллективҳои иҷораи корхонаи давлатӣ шаклу системаи додани музд, тартиби рӯзи кор, сменаи корро мустақилона муайян карда, дар бораи ҷорӣ намудани усули ба ҳисоб гирифтани вақти кори умумӣ қарор қабул менамоянд, тартиби муайян кардани рӯзҳои истироҳатро бидуни вайрон намудани мутобиқати зарурии фаъолияти соҳаҳои гуногуни корхона муқаррар мекунанд.

Коргарони нав бо ризоияти коллективии иҷора ба кор қабул карда мешаванд. Дар шартномаи пудрати иҷоравӣ дар хоҷагии қишлоқ ҳуқуқи коллективи иҷора дар боби аз номи корхона бастани шартномаи меҳнатӣ барои иҷрои корҳои муайян бо гражданинҳои аъзои коллективи иҷора набуда пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Музди меҳнати чунин гражданинҳо аз ҳисоби пуле дода мешавад, ки барои музди меҳнати аъзоёни коллективи иҷора пешбинӣ шудааст.

Моддаи 30. Ташкили фаъолияти хоҷагии коллективи иҷора

Коллективи иҷора мувофиқи шартномаи пудрати иҷоравӣ вазифадор мешавад, ки маҳсулотро истеҳсол карда, кор, хизматрасониро ба корхона супорад ва ё бо супориши иҷорадеҳ маҳсулоти дар шартнома пешбинишударо ба корхонаҳои дигар ва ё гражданинҳо фурӯшад.

Коолективи иҷора метавонад ба маҳсулоти (кор, хизматрасонии) илова бар ҳаҷми шартномаи истеҳсолкардааш, агар қонун ва ё шартнома шартҳои дигарро муқаррар када набошад, бо салоҳдиди худихтиёрдорӣ кунад.

Дар шароити пудрати иҷоравӣ корхона бо буҷет, банк ва дигар органҳо аз рӯи натиҷаи тамоми фаъолияташ мувофиқи тартиби муайяншуда ҳисобу китоб мекунад. Вай вазифаи ба

нақшагирифтани номгӯй ва ҳаҷми асосии истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизмат) –ро ба зиммаи худ гирифта, инчунин сиёсати ягонаи техникиро мегузаронад, мувофиқи плани барои корхона умумӣ оно аз нав сохта, бо техникаи нав муҷаҳҳаз мекунад, соҳаи иҷтимоиро тараққӣ мекунад.

Коолективи корхонаи иҷора программаи истеҳсолиашро бо назардошти шартномаи пудрати ичоравӣ мустақилона тартиб медиҳад. Шартномаи пудрати иҷоравӣ ҳаҷму тартиби иштироки коллективи иҷораро дар хароҷоту пардохти корхона, аз ҷумла хароҷот барои тараққиёти истеҳсолт, илму техника ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ муайян мекунад. Дар шартномаи пудрати иҷоравӣ масъулияти тарафҳо барои иҷро накардан ва ё ба қадри кофи иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбиникардаи шартнома муайян карда мешавад.

Корхона ба коллективи иҷораи соҳа ҳуқуқи аз номи вай бастани шартномаи хоҷагиро дода метавонад. Чунин коллективи иҷора ҳақ дорад дар муассисаи банк счёт кушояд. Коллективи иҷора аз рӯи шартнома ба амволе, ки ба ихтиёраш гузошта шудааст, ҷавобгар аст. Дар сурати нарасидани амвол мувофиқи ӯҳдадориҳои коллективи иҷора корхона ҷавобгар мешавад.

Совхозҳо, колхозҳо ва корхонаҳои дигари хоҷагии қишлоқ дар асоси шартнома ва коолективҳои иҷоракори соҳаҳо барои мустақилона фурӯхтани маҳсулоташон (корҳо, хизматрасонӣ), истифодаи даромад барои додани музд, андозу пардохт ба буҷет, ҳаққи суғуртаи иҷтимоӣ ҳуқуқ дода метавонанд. Чунин коллективҳои иҷора метавонанд дар муассисаҳои банк ё марказҳои молиявию ҳисобӣ счёт кушоянд.

Иҷорадеҳ дар шароити иҷораи дохили хоҷагӣ метавонад ба иҷоракор ҳар гуна имтиёзҳо диҳад.

Моддаи 31. Иҷорапули дар шароити пудрати иҷоравӣ

Иҷорапули барои замин ва чорвои маҳсулдеҳ ба андозаи фоидаи банақшагирифта (нормативӣ), ки ҳангоми истифодаи замин ва чорво ба даст омаданаш мумкин аст, бо назардошти сифати онҳо ва хароҷоти ҷамъиятии зарурӣ барои истеҳсоли маҳсулот муқаррар карда мешавад.

Подош барои амволи ба ихтиёри коллективи иҷора додашуда (иҷорапули) дар шартномаи пудрати иҷоравӣ муайян крда мешавад. Дар сурати тағйир ёфтани нарх ва шартҳои дигари иқтисодӣ ҳаҷми иҷорапулӣ метавонад бо ризоияти тарафҳо таҷдиди назар шавад.

Агар суғуртаи киштзор, чорво ва амволи дигари иҷоравӣ аз тарафи корхона сурат гирифта бошаду коллективи иҷора бинобар офати табии ва ё ҳодисаҳои дигар ҳаҷми дар шартнома зикрёфтаи маҳсулотро гирифта натавонад, иҷорапулӣ дар ҳаҷми маблағи аз суғурта гирифтаи корхона таносубан кам карда мешавад.

Коолективи иҷора ҳақ дорад, ки бо ризоияти корхона аз номи вай барои суғуртаи киштзор, чорво ва амволи дигар шартнома бандад. Дар ин маврид ҳангоми офати табиӣ ва ҳодисаҳои дигари сугуртавӣ тағйири иҷорапулӣ пешбинӣ намешавад.

Моддаи 32. даромади коллективи иҷора

Даромади коллективҳои иҷора аз пули фурӯше, ки баъди додани иҷорапули, баровардани қусури хароҷоти моддӣ, ҳиссаҷудокуниҳои дигаре, ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд, боқи мемонад, ташкил меёбад. Даромади дар ихтиёри коллективи иҷора монда мустақилона ихтиёрдорӣ карда, гирифта намешавад.

Тартиби танзими ҳаҷи пулеро, ки барои додани музди меҳнат сарф мешавад, шартномаи пудратӣ муайн мекунад.

Моддаи 33. Кафолати ҳуқуқҳои коллективи иҷора

Амволеро, ки мувофиқи шартномаи пудрати иҷоравӣ ба коллективи иҷора дода шудааст, корхона баргардонида гирифта наметавонад.

Пеш аз мӯҳлат тагйир додани шартнома ё қат намудани шартномаи пудрати иҷоравӣ танҳо бо ризояити коллективи иҷора ва ичорадеҳ роҳ дода мешавад.

Дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ амали шартнома баъди анҷоми соли хоҷагӣ, камаш ду моҳ пеш бо огоҳ кардани тарафи дигар тағйир дода, ё қатъ карда мешавад.

Баҳсҳои байни коллективи иҷора ва корхонаҳоро, ки ҳангоми иҷро намудан қатъ кардан ва тағйир додани шартномаи пудрати иҷоравӣ сар мезананд, суди иқтисодӣ ё суд дида мебарояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
6.12. 1990 сол №184

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма

(Ведомостьҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон соли 1990, №24, мод.421; соли 1992, №10, мод.144; соли 1992, №11,мод.175; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996, №3, мод.48; соли 1997, №23-24, мод.333; соли 1999 № 12, мод.335; соли 2002, №4 қ-1, мод.269)

Боби I. Қоидаҳои умумӣ

Моддаи 1. Воситаҳои ахбори омма

Воситаҳои ахбори омма аз идораҳои матбуоти даврӣ, радиою телевизион, агентиҳои иттилооти, дигар муассисаҳое, ки ахбори омма нашр мекунанд, иборат аст.

Мувофиқи ҳамин Қонун воситаҳои ахбори омма рӯзномаю маҷаллаҳо, бюллетенҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ, ки барои дар байни мардум интишор кардан пешбинӣ шудаанд ва дар се моҳ на камтар аз як маротиба нашр мешаванд, ҳамчунин барномаҳои телевизиону радио, кинохроника, хабарҳои агентиҳои информатсионӣ, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд.

Моддаи 2. Озодии матбуот

Матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон озоданд.

Ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад фикру ақидаашро озодона баён кунад, онҳоро дар ҳар шакл дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор намояд. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Моддаи 3. Забони воситаҳои ахбори омма

Воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар тибқи Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

Давлат ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба истифодаи забони модарӣ ва забонҳои дигари халқҳои ҷумҳурӣ ҳангоми дастрасу интишори ахбори омма таъмин менамояд.

Моддаи 4. Фаъолияти воситаҳои ахбори омма

Идораи воситаҳои ахбори омма дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ буда, дар асоси оинномаи худ амал мекунад.

Идора ҳақ дорад фаъолияти истеҳсолию хоҷагиашро аз рӯи шартҳои мустақилияти иқтисодӣ ва ҳисоби хоҷагӣ ба роҳ монад.

Тартиби аз тарафи давлат ба воситаҳои ахбори омма расонидани кӯмаки молиявиро (дотатсияро) қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд.

Моддаи 5. Воҷибии ахбор додан

Ташкилотҳои давлатию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма маълумоти заруриро диҳанд.

Моддаи 6. Роҳ надодан ба суистифода аз озодии сухан

Интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунан маҳфуз, ахборе, ки ба зӯран сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конституцсионӣ даъват мекунад, шаъну эътибори давлат ва Президентро халалдор месозад, ҷанг, зулму зӯроварӣ, терроризм бо ҳамаи зуҳуроташ, хусумати нажодию миллӣ ва динӣ, инчунин эҳтиром накардани миллату дини дигар, фаҳшу фуҷур (порнография)- ро таблиғ мекунад, ба содир намудани кирдори ҷиноятии дигар даъват менамояд, дар воситаҳои ахбори омма манъ аст.

Истифодаи воситаҳои ахбори омма барои дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон, дидаву дониста чоп кардани хабару мақолаҳои дурӯғин, маълумотҳои тӯҳмату иғвоангез, шаъну шарафи шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳоро паст мезананд, манъ аст.

Моддаи 7. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бори матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ба Конституцсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Боби II. Ташкили фаъолияти воситаҳои ахбори омма

Моддаи 8. Ҳуқуқи таъсиси воситаҳои ахбори омма

Ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёси, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои кооперативӣ, динӣ ва дигар иттиҳодияҳои гражданинҳо, ки мувофиқи қонун барпо шудаанд, коллективҳои меҳнатӣ, ҳамчунин шахсони алоҳидае, ки синнашон ба 18 расидааст, ба таъсиси воситаҳои ахбори омма ҳуқуқ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инҳисори матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма роҳ дода намешавад.

Муассиси воситаҳои ахбори омма буда наметавонанд;

-шаҳрвандоне, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд, ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз қобилияти амал маҳрум шудаанд, ё қобилияти амалашон маҳдуд карда шудааст;

-ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки фаъолияташон мувофиқи қонун манъ карда шудааст;

-шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд.

Моддаи 9. Бақайдгирии воситаҳои ахбори омма

Идораи воситаҳои ахбори омма баъди бақайд гирифта шудани воситаҳои ахбори оммаи дахлдор ба фаъолияти худ шурӯъ мекунад. Воситаҳои ахбори омма дар муддати як моҳ аз рӯзи расидани ариза идораи давлатии нотариали маҳаллӣ воқеъияти онҳо ба қайд гирифта мешаванд.

Воситаҳои ахбори омма, ки дар ҳудуди Тоҷикистон нашр мешаванду муассисонаш ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, кооперативҳо, созмонҳои динӣ ва дигар иттиҳодияҳои гражданӣ коллективҳои меҳнатӣ ё гражданинҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, танҳо баъди аз тарафи идораи давлатии нотариалии дахлдор ба қайд гирифта шуданашон ба фаъолияти худ шурӯъ менамоянд.

Ҳуқуқи нашри воситаҳои ахбори омма аз рӯзи гирифтани шаҳодатнома дар давоми як сол эътибор дорад. Дар сурати гузаштани ин мӯҳлат эътибори шаҳодатномаи бақайдгирӣ аз байн меравад.

Табдили муассис, тағйири ҳаммуассис, шакли интишори ахбори умум, ном ё забон (забонҳои) воситаҳои ахбори омма дар асоси аризаи муассис (ҳаммуассис) бо тартиби дар ҳамин модда баёнкардашуда сабт карда мешавад, аз сари нав ба қайд гирифта мешавад.

Сабти давлатии воситаҳои ахбори умум дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин ба ҷо оварда мешавад:

- ариза дар бораи сабти давлатӣ;
- шартномаи таъсиси(дар сурати мавҷуд будани якчанд муассис);
- оиннома;
- хулосаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таъсиси, ки вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад;
- рамзи таснифгари (класификатори) мақомоти омор;
- тасдиқномае, ки маҳали воқеияти корхонаро шаҳодат медиҳад;
- ҳуҷҷати пардохти боҷи давлатӣ ;
- хулосаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 10. Ариза дар бораи бақайдгирии воситаҳои ахбори омма

Дар аризаи бақайдгирии воситаҳои ахбори омма буда маълумоти зерин нишон дода шавад:

1) муассис (ношир);
2) ном, забон (забонҳо), ҷои воқеъшавии воситаҳои ахбори омма;
3) доираи тахминии хонандагон;
4) мақсаду вазифаҳои воситаҳои ахбори омма;
5) рӯзҳои нашр, ҳаҷм ва манбаи таъминоти молиявӣ;

Дар вақти бақайдгирии воситаҳои ахбори омма талаб кардани маълумоти дигар манъ аст.

Моддаи 11. Мавридҳои бе қайд паҳн кардани ахбор

Мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, ки ҳуҷҷатҳои нормативии расмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, бюллетенҳои маҳкама ва ҳуҷҷатҳои арбитражро чоп мекунанд, ҳуқуқ доранд маълумоти худро бе қайд дар байни омма паҳн намоянд.

Корхонаҳо, ташкилотҳо, муассиасаҳои таълими ва илмӣ ҳуқуқ доранд материалҳои ахборӣ ва ҳуҷҷатҳои барои фаъолияташон заруриро бе қайд нашр ва паҳн намоянд. Ба қайд гирифтани фаъолияти бо ёрии воситаҳои техникии чоп, ауди ва аудиовизуалӣ таёр кардани материалҳо, ки барои дар байни омма паҳн намудан таъин нашудаанд, ё ҳамчун дастнавис нусхабардор карда мешаванд, талаб карда намешавад.

Ҳангоми бо теъдоди камтар аз сад нусха нашр гардидани маҳсулоти чопӣ бақайдгирии воситаҳои ахбори омма талаб карда намешавад.

Моддаи 12. Рад кардани бақайдгирии воситаҳои ахбори омма

Бақайдгирии воситаҳои ахбори омма танҳо бо сабаби вайрон кардани қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби таъсиси корхонаҳо, ба талабҳои муқарраркардашудае, ки барои сабти ҳуҷҷатҳо заруранд мувофиқ набудан ва дар асоси зерин рад карда мешавад:

1) агар номи ахбори омма, мақсад ва вазифаҳои барномавии он ба мазмуну мундариҷаи қисми аввали моддаи шашуми ҳамин Қонун мухолиф бошад;

2)агар органи бақйдгиранда пештар бо ҳамин ном ба воситаи дигар ахбори омма шаҳодатнома дода бошад;

3) агар ариза як сол пеш аз анҷоми рӯзи қонунан эътибор пайдо кардани қарори қатъи фаъолияти воситаи ахбори омма
пешниҳод шуда бошад.

Раддияи қайд дар асоси далелҳое, ки ҳамин Қонун пешбинӣ менамояд, ба таври хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Моддаи 13. Андоз барои қайди воситаҳои ахбори омма

Барои додани шаҳодатномаи қайди воситаи ахбори омма ба ҳаҷме, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, андози давлатӣ гирифта мешавад.

Моддаи 14. Қатъи табъу нашри воситаҳои ахбори омма

Фаъолияти табъу нашри ахбори омма дар асосҳои зерин метавонад қатъ гардад:

1. бо қарори муассис;
2. бо сабаби барҳам хурдан ё аз нав ташкил кардани воситаҳои ахбори омма;
3. бо ҳалномаи суд, дар ҳолати вайрон кардани талаботи моддаҳои 6 ва 22 ҳамин Қонун.

Ҳангоми вайрон кардани муқаррароти ҳамин қонун прокурор ё Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон расман вайронкунандаи қонунро огоҳ менамояд, дар сурати такроран вайрон кардани ҳамин қонун барои қатъ намудани фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба суд муроҷиат мекунад.

Моддаи 15. Тартиби шикоят дар ҳолати рад намудани бақайдгирии воситаи ахбори омма ва қарор дар бораи қатъи фаъолияти он

Муассис ё идораи воситаи ахбори омма дар ҳолати рад намудани қайди воситаи ахбори омма ё аз тарафи мақомоти давлатӣ риоя накардани мӯҳлати дар муддати ба қайд гирифтани он, ҳамчун қарор дар бораи қатъи воситаи ахбори омма ба маҳкама шикоят карда метавонад. Маҳкама шикояти онҳоро, аз ҷумла баҳсу мунозираро дар бораи моликият мувофиқи тартиби пешбининамудаи Кодекси процессуалии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебарояд.

Эътирофи раддия дар бораи қайди воситаҳои ахбори омма ё қарор дар бораи қатъи фаъолияти он, ки мухолифи Қонун бошад, маънои бекор шудани қарорҳои ба маҳкама пешниҳодшударо дорад. Бекор намудани қарор дар бораи қатъи фаъолияти воситаҳои ахбори омма пардохти зарарҳоеро ба миён меорад, ки ба муассис, идора ва ношир, аз ҷумла аз даромадҳои нагирифтааш ворид шудааст.

Моддаи 16. Муассис, муҳаррир, идора ва ношири воситаи ахбори омма

Муассис барномаи (принципҳои асосии) фаъолияти воситаи ахбори оммаро тасдиқ менамояд. Идора ё дигар муассисе, ки воситаи ахбори оммаро нашр мекунад, барномаро мувофиқи маҳорати касбиаш мустақилона дар амал татбиқ менамояд.

Муҳаррир (сармуҳаррир) аз тарафи таъсискунандаи воситаи ахбори омма таъин ва аз кор озод карда мешавад ва ё мувофиқи тартиби пешбиникардаи оинномаи идора интихоб ва аз кор озод мегардад.

Муҳаррир (сармуҳаррир) ба фаъолияти ҳайати таҳририя ва идораи воситаи ахбори омма роҳбарӣ карда, манфиатҳои онро дар назди муассис, ношир, муаллифон, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дигар иттиҳодияи шаҳрвандҳо ва худи шаҳрвандҳо, хамчун дар маҳкама ҳимоя менамояд.

Муҳаррир (сармуҳаррир) дар асоси ҳамин Қонун ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунӣ барои иҷрои талаботе, ки ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма пешниҳод шудаанд, масъул мебошад.

Ҳайати таҳририя мувофиқи тартиби пешбиникардаи оинномаи идораи воситаи ахбори омма ташкил карда мешавад. Муҳаррир (сармуҳаррир) раиси ҳайати таҳририя мебошад.

Муассис, ҳамчунин нашриёт ё дигар шахси ҳуқуқие, ки воситаи ахбори оммаро бо маводи моддию техникӣ таъмин менамояд, ношири он буда метавонад.

Моддаи 17. Оинномаи воситаҳои ахбори омма

Оинномаи идораи воситаҳои ахбори омма дар маҷлиси умумии коллективи журналистон бо аксарияти овозҳо дар ҳозирии аз се ду қисми ҳайати кормандон қабул карда мешавад ва муассис онро тасдиқ менамояд.

Оинномаи идораи муносибатҳои таъсискунанда, муҳаррир (сармуҳаррир), идораи воситаҳои ахбори омма ва салоҳияти коллективи журналистонро муайян менамояд. Ба он қоидаҳои тартиби тақсим ва хароҷоти даромаде, ки аз фаъолияти ахбори омма ба даст меояд ва дигар қоидаҳо дохил карда мешавад.

Оинномаи идораи воситаи ахбори омма набояд ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф бошад.

Моддаи 18. Муносибатҳои истеҳсолию молӣ ва пулии идора, муассис ва ношири воситаи ахбори омма

Муносибатҳои истеҳсолию молӣ ва пулии идора, муассис ва ношири воситаи ахбори омма мувофиқи қонунҳои мавҷуда ва шартнома муқаррар карда мешавад.

Шартнома нуқтаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) маблағҳои барои фаъолияти идора пешбинишуда;

2) қисми даромад (фоида), ки аз фаъолияти воситаи ахбори омма ба даст омада, ба ихтиёри идора, муассис ва ношири он гузошта мешавад;

Ӯҳдадориҳои муассис ва ношир дар бораи муҳайё кардани шароити истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва маишии кормандони идора.

Моддаи 19. Воситаҳои ахбори омма ва ҳуқуқи муаллиф

Воситаҳои ахбори омма ҳангоми истифодаи маводҳо бояд қонунҳо ва нормаҳои байнанхалқиро оиди ҳуқуқи муаллиф риоя кунад.

Дар ҳолате, ки як муаллиф асари муаллифи дигарро аз худ менамояд (яъне медуздад), вай дар асоси қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Моддаи 20. Маълумотномаи воситаи ахбори омма

Ҳар як шумораи воситаи ахбори омма бояд маълумотҳои зерин дошта бошад:

1) номи нашрия;

2) таъсискунанда;

3) Ному насаби муҳаррир (сармуҳаррир);

4) рақами тартибии шумора ва санаи ба табъ расидани нашрияи даврӣ, барои рӯзнома бошад, ҳамчунин рӯзи ба чоп имзо шуданаш;

5) индекс барои нашрияҳои даврие, ки тавассути дӯконҳои алоқа фурӯхта мешавад;

6) адади нашр;

7) нарх (дар мавриди ба нархи тиҷоратӣ фурӯхтани нашрия);

8) нишонии идораи нашрия, ношир, матбаа;

9)рақами шаҳодатномаи бақайдгири ва номи мақоме, ки онро додааст.

Идораи телевизион ва радиошунавонӣ ҳангоми оғози ҳар як барнома ва дар мавриди мутассил намоиш додан ва шунавонидани барнома ҳар шабонарӯз камаш чор бор номи идораи телевизион ва радиоро бояд эълон намояд.

Моддаи 21. Нусхаҳои ройгони назоратӣ ва ҳатмӣ

Нусхаҳои ройгони назоратӣ ва ҳатмии матбуоти даврие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, баъди ба табъ расидан аз ҷониби муассисон, тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзи чоп шудан фавран ба идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дахлдор фиристода мешаванд.

Нусхаҳои назоратӣ ва ҳатмии матбуоти даврие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар хориҷи кишвар чоп мешаванд, ҳамчунин ба дигар идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дахлдор фиристонида мешаванд.

Феҳристи муассисаҳои ҷумҳуриявиро, ки бояд нусхаҳои ройгони назоратӣ ва ҳатмии матбуоти даврирo гиранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Моддаи 22. Интишори воситаҳои ахбори омма

Маҳсули воситаи ахбори оммаро бевосита нашр ё дар асоси шартнома ва ё дигар воситаи қонунӣ муассисаҳои алоқа, ҳамчунин шаҳрвандон паҳн мекунанд.

Паҳн кардани адабиёт ва нашрияҳое, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунан маҳфуз, ахборе, ки ба зӯран сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти Конституцсионӣ даъват мекунад, шаъну эътибори давлат ва Президентро халалдор месозад, ҷанг, зулму зӯроварӣ, хусумати нажодию миллӣ ва ё динӣ, терроризм бо ҳамаи зуҳуроташ инчунин эҳтиром накардани миллату дини дигар, фаҳшу фуҷур (порнография)-ро таблиғ мекунад, ба содир намудани кирдори ҷиноятии дигар даъват менамояд, манъ аст.

Бе нишон додани маълумотнома паҳн кардани маҳсули воситаи ахбори омма манъ аст.

Мамониати интишори қонунии маҳсули воситаи ахбори омма, ҳамчунин пурра ё қисман мусодира намудани он, агар оид ба он қарори суд мавҷуд набошад, манъ аст.

Ташкилотҳои интишоркунандаи нашрия ҳуқуқ надоранд, ки бо сабабҳои мухолифати андешаҳои сиёсӣ аз паҳн намудани он даст кашанд.

Моддаи 23. Нигоҳ доштани нусхаҳои ахбори паҳншуда

Ношир дастхатҳо ва нусхаҳои ба табъ расидаро бояд баъди интишор шуданашон на камтар аз як сол маҳфуз дорад.

Идораҳои телевизион ва радио бояд маводҳои барномаҳоро таи як моҳи баъди нашр шуданашон нигоҳ дорад, дафтари қайди барномаҳоеро, ки бидуни сабти пешаки нашр мегарданд, дошта бошад, ки дар он мавзӯи барнома, сана, вақти оғозу анҷоми нашр, ному насаби баранда қайд карда мешавад. Дафтари қайди чунин барномаҳо таи як сол аз рӯзи сабти охирин ҳифз мегардад.

Моддаи 24. Ҳуқуқи раддия ва ҷавоб

Шаҳрванд ё ташкилот ҳақ дорад аз воситаи ахбори омма барои нашр кардани маълумоти аз ҳақиқат дур ва шаъну шарафи онҳоро пастзананда раддия талаб намояд.

Шаҳрванд ё ташкилоте, ки воситаи ахбори омма дар бораи онҳо маълумоти ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашонро пастзананда нашр намудааст, ҳақ дорад дар худи ҳамон воситаи ахбори омма ҷавоби худро нашр кунад.

Раддия ё ҷавоб бояд дар бахши махсус ё ки дар ҳамон саҳифа бо ҳамон ҳуруфе чоп шавад, ки маълумоти радшаванда ба табъ расида буд: дар рӯзномаҳо- на дертар аз як моҳи баъди рӯзи талаб намудан ва дар дигар нашрияҳои даврӣ дар шумораи навбатӣ.

Раддия ё ҷавоб аз тарафи наттоқи радио ё телевизион дар ҳамон барнома ё силсилаи намоишҳо, дар айни замон на дертар аз як моҳи баъди рӯзи талаб намудан, хонда мешавад. Худи шаҳрванд ё намояндаи ташкилоте, ки ҷавобро талаб намудааст, ҳамчунин ҳақ дорад бо ҷавоб баромад кунад.

Идора вазифадор аст, ки ҷавобро ба табъ расонад. Таҳрири матни ҷавоб манъ аст.

Моддаи 25. Ахбори расмӣ

Воситаҳои ахбори омма, ки мақомоти ҳукуматӣ ва идораи давлатӣ таъсис додаанд, вазифадоранд, ки ахбори расмии ин мақомотро чоп кунанд.

Идораи нашрия вазифадор аст қарори суд ё худ мақомоти арбитражи давлатиро, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ва дар бораи дар ҳамон воситаи ахбори омма чоп кардани қарор дастур дорад, бе пул ва дар мӯҳлати муқаррашуда чоп намояд.

Моддаи 26. Аз тарафи суд дида баромадани ариза оиди нашри раддия ё ҷавоб

Дар сурати аз тарафи воситаи ахбори омма рад кардани чопи раддия ё ҷавоб ва ё риоя накардани мӯҳлати якмоҳаи барои нашри чунин материалҳо муқарраршуда, шаҳрванд ё ташкилоти манфиатдор ҳақ дорад дар муддати як соли баъди нашри мақола ба суд мурочиат намояд.

Суд аризаро дар бораи аз тарафи идораи воситаи ахбори омма чоп кардани раддия ё ҷавоб мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонуни процессуалии граждани баррасӣ менамояд.

Боби III. Муносибати воситаҳои ахбори омма бо шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

Моддаи 27. Ҳуқуқи гирифтани маълумот аз тариқи воситаҳои ахбори омма

Шаҳрванд ҳақ дорад, ки тариқи воситаҳои ахбори омма фавран дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор маълумоти аниқ ба даст орад.

Воситаҳои ахбори омма, ҳуқуқи аз мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор гирифтани ахборро дорад. Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ба воситаҳои ахбори омма маълумоти зарурӣ дода, барои шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо имконият муҳайё мекунанд.

Ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва шахсони мансабдор фақат дар мавриде аз додани маълумот метавонанд ҳуддорӣ намоянд, ки мувофиқи моддаи 6 ҳамин Қонун маълумоти онҳо барои интишор нораво бошад.

Агар онҳо аз додани маълумот саркашӣ намоянд, намояндаи воситаҳои ахбори омма ба мақомоти боло ё худ ба шахси мансабдор ва баъд мувофиқи нуқтаҳои пешбининамудаи қонун дар бораи шикоят кардан аз болои фаъолияти ғайриқонунии органҳои идораи давлатӣ, ва шахсони мансабдор, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро поймол мекунанд, ба суд шикоят карда метавонанд.

Моддаи 28. Истифодаи эҷодиёт ва мактубҳои муаллифон

Воситаҳои ахбори омма эҷодиёти журналистон, адибон, санъаткорон ва олимонро бо риояи ҳуқуқи муаллифон истифода карда метавонанд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки воситаҳои ахбори оммаро бо чопи маводҳои радкардаи идора вазифадор намояд, ба шарте, ки қонун чизи дигарро пешбинӣ накарда бошад.

Дар вақти чопи мактубҳои хонандагон ихтисор ва таҳрири матн ҷоиз ва равост, ба шарте, ки мазмуни мактуб таҳриф нашавад.

Дар ҳолати аз дигар воситаҳои ахбори омма гирифта чоп кардани материалҳо, мазмун ва мундариҷаи он набояд таҳриф гардад.

Нашри такрории маводҳо аз дигар воситаҳои ахбори омма бо нишондоди ҳатмии манбаи он мумкин аст.

Моддаи 29. Мавридҳои махсуси фош накардани ахбор

Идораи воситаҳои ахбори омма ва рӯзноманигор **ҳуқуқ** надорад:

1) номи шахсеро зикр намояд, ки бо шарти ифшо намудани номи вай ахбор додааст, ғайр аз мавридҳое, ки инро суд талаб кунад.

2) маълумоти тафтиши пешакиро бе иҷозати хаттии прокурор, муфатиш ё шахсе, ки тафтиш мебарад, ошкор намояд; бе розигии ноболиғ ва намояндаи қонунии вай ҳар хабареро интишор кунад, ки боиси зикри шахсияти ноболиғи қонуншикан мешуда бошад.

3) дар ахбораш натиҷаи мурофиаи судии кори мушаххасро пешакӣ баён кунад ё пеш аз эътибор пайдо кадани ҳалнома ё ҳукум ба суд ба тарзи дигар таъсир расонад.

Боби IV. Ҳуқуқ ва вазифаҳои журналист

Моддаи 30. Журналист

Дар ҳамин Қонун таҳти номи журналист шахсе дониста мешавад, ки барои воситаҳои ахбори омма мавод ҷамъ мекунад, менависад, таҳрир менамояд ё тайёр мекунад ва бо воситаи ахбор шартномаи меҳнатӣ дорад ё ин ки бо ваколати ҳамин воситаи ахбор ба ин кор машғул аст.

Моддаи 31. Ҳуқуқи журналист

Журналист ҳуқуқ дорад, ки:

1) ахбор дарёфт намояд, гирад ва интишор кунад;

2) вобаста ба иҷрои вазифаи журналистӣ бо шахсони мансабдор ҳамсӯҳбат шавад;

3) ҳамагуна фактро, аз ҷумла бо роҳи истифодаи воситаҳои техники аудиовизуалӣ, асбобҳои кино ва аксбардор сабт намояд, ғайр аз мавридҳое, ки қонун пешбини кардааст;

4) баъди нишон додани шаҳодатномаи журналистӣ дар маҳалли офати табиӣ ҳузур дошта бошад;

5) зимни санҷиши факту ҳолатҳои вобаста ба маводҳои расида ба мутахассисон муроҷиат намояд.

6) аз навиштани мақолаи хилофи эътиқодаш даст кашад;

7) аз зери ахборе, ки мазмуни он, ба фикри вай дар рафти таҳрири идора таҳриф шудааст, имзояшро гирад;

8) нигоҳ доштани сирри муаллифиро пешаки гуфтугӯ кунад;

Журналист аз ҳуқуқҳои дигаре ҳам истифода мебарад, ки мувофиқи ҳамин Қонун муҳайё шудаанд.

Моддаи 32. Вазифаҳои журналист

Журналист вазифадор аст, ки:

1) барномаи фаъолияти воситаи ахбори оммаро, ки бо вай муносибатҳои меҳнатӣ дорад, иҷро намояд, аз рӯи оинномаи идора амал кунад;

2) саҳеҳияти ахбори гирифтаашро санҷад;

3) хоҳиши шахсонеро, ки ахбор додаанд, дар бораи зикри муаллифиашон қонеъ кунонад, ба шарте, ки агар ин хабар бори аввал интишор мешуда бошад;

4) иҷрои супоришеро, ки муҳаррир (сармуҳаррир) ё идора додааст, рад намояд, ба шарте, ки он бо халалдор шудани Қонун алоқаманд бошад;

5) ҳуқуқу, манфиати қонунӣ, қадру қимати миллӣ шаҳрвандон, ҳуқуқ ва мафиати қонунии ташкилотҳоро эҳтиром кунад.

Журналист вазифаҳои дигар ҳам дорад, ки аз ҳамин Қонун бар меоянд.

Моддаи 33. Ваколат

Воситаҳои ахбори омма бо маслиҳатҳои ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ, ҷамъияти ва ҳаракатҳо метавонанд журналистони худро дар он муассисот вакил намоянд.

Журналисти ваколатдор ҳуқуқ дорад дар маҷлисҳо ва дигар чорабиниҳои ҳамин ташкилотҳо ширкат варзад; вай мувофиқи тартиби муқарраркардаи ҳамон ташкилот бо стенограмма, протокол ва ҳуҷҷатҳои дигар таъмин мегардад.

Воситаҳои ахбори омма бо иҷозати органҳои расмӣ метавонанд дар мамлакатҳои хориҷӣ мухбирони худро дошта бошанд.

Боби V. Ҷавобгари барои вайрон кардани қонуни матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма

Моддаи 34. Омилҳои ҷавобгарӣ

Интишор ва паҳн кардани адабиёт ва нашрияҳое, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё асрори дигари қонунан маҳфуз, ахборе, ки ба зӯран сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конституцсионӣ даъват мекунад, шаъну эътибори давлат ва Президентро халалдор месозад, ҷанг, зулму зӯроварӣ хусумати нажодию миллӣ ва ё динӣ, терроризм бо ҳамаи зуҳуроташ инчунин эҳтиром накардани миллату дини дигар, фаҳшу фуҷур (порнография) -ро таблиғ мекунад, ба содир намудани кирдори ҷиноятии дигар даъват менамояд, истифодаи ғаразноки ахбори омма барои дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон манъбуда, мутобиқӣ қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Шахсони мансабдори давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин нашрияҳо, муҳаррири (сармуҳаррири) воситаҳои ахбори омма, муаллифони хабару мақолаҳо, ки қонуни матбуот ва воситаҳои дигари ахбори оммаро вайрон мекунанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 35. Мавридҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ

Муҳаррири (сармуҳаррир) ва ҳамчунин журналист барои дар воситаҳои ахбори омма паҳн кардани маълумоти бардуруғ дар чунин мавридҳо озод карда мешавад:

1) агар ин маълумот дар ахбори расмӣ бошад;

2) агар ин маълумот аз агентҳои ахбори иттилоотӣ ё умури матбуоти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ гирифта шуда бошад.

3) агар он такрори таҳтуллафзи нутқҳои вакилони халқ дар анҷуманҳо, ва ҷаласаҳо, маҷлисҳо, вакилони анҷуманҳо, конференцияҳо, раёсатҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин нуқтаҳои расмии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бошад;

4) агар он дар нутқҳои муаллиф, ки мустақиман ба мавҷ мераванд, ё дар матнҳое бошад, ки мувофиқи ҳамин Қонун набояд таҳрир шаванд.

Моддаи 36. Норавоии монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии касбии журналист

Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналист, ҳамчунин маҷбур намудани ӯ барои паҳн кардан ё рад намудани пахши иттилоот, ки ба таҳдиди зӯроварӣ, нобуд сохтан ё вайрон кардани амвол, паҳн қардани дуруғи бофтае ё фош намудани дигар маълумоте, ки ҷабрдида мехоҳад онро нигоҳ дорад алоқаманд аст, ҳамчунин бо роҳи таҳдиди поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии журналист боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Моддаи 37. Ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ тайёр ва интишор намудани воситаҳои ахбори омма

Тайёр ва интишор намудани маҳсулоти воситаҳои ахбори омма бо вайрон кардани муқаррароти ҳамин Қонун ё баъди қабули қарор дар бораи қатъи нашри он мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Моддаи 38. Товони зарари маънавӣ

Товони зарари маънавӣ (ғайримоддӣ), ки шаҳрванд аз нашри маълумоти бардурӯғ дар воситаҳои ахбори омма дидаасту он шаъну шарафи ӯро паст мезанад ва ё ба вай дигар зарари ғайримоддӣ мерасонад, бо ҳукми суд аз тарафи воситаҳои ахбори омма, инчунин шахсони мансабдор ва шаҳрвандони гунаҳкор баргардонида мешавад. Андозаи зарари маънавиро (ғайримоддиро) ба ҳисоби пул суд муайян мекунад.

Боби VI. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ахбори омма

Моддаи 39. Фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ҳуқуқ доранд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намоянд. Ин фаъолият бо роҳи кушодани намояндагиҳо ва ё акредитатсияи хабарнигорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Намояндагиҳои Воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ, инчунин агентиҳои иттилоотии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мувофиқаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

Аккредитатсияи хабарнигорони хориҷиро Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиботи муқарраргардида амалӣ мегардонад.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мувофиқаи худро барои кушодани намояндагиҳои воситаҳои ахбори хориҷӣ ва аккредитатсияи хабарнигорони хориҷиро дар сурати хилофи Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин хилофи манфиатҳои миллии Тоҷикистон будани фаъолияти онҳо, бекор намояд.

Моддаи 40. Шартномаҳои байналмилалӣ

Ҳамкории байналмилалии воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, инчунин дар асоси шартномаҳои бевосита ба амал бароварда мешаванд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
14 декабри соли 1990, ш. Душанбе **Қ. Маҳкамов**